**Ба шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-18 назди Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе,**
**кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзӯи «Накши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат омода гардидааст, пешниҳод мешавад.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок намуда, қайд менамояд, ки масъалаи мақом ва накши ҳокимияти судӣ дар сохтори давлатӣ-ҳуқуқӣ зарурати таҳлили бунёдӣ ва асосҳои назариявӣ-ҳуқуқиро тақозо менамояд. Илми муосири ҳуқуқ бо муайянсозии мафҳумҳои асосӣ, мушаххас кардани пажуҳиши байнисоҳавӣ ва таҳияи асосҳои назариявӣ баҳри ислоҳоти минбаъдаи низоми судӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалии марбут ба адолати судӣ ва ҳуқуқи инсон, рӯ ба рӯ гардидааст. Бо ин назардошт, омӯзиши институти ҳокимияти судӣ дар шароити навсозии давлати тоҷикон дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад. Муҳимияти ин раванд на танҳо ба зарурати таъмини ҳуқуқии фаъолияти мустақили ҳокимияти судӣ алоқаманд аст, балки бо эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, ки дар маркази он инсон ва ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи ӯ қарор доранд, решапайвандӣ дорад. Ҳалли бомуваффақияти ин масъала дар сурати бархурди низомнок ба ҳампайвастагии назарияи ҳуқуқ, таҳлили қонунгузории ҷорӣ, амалияи татбиқи он ва дурнамои рушди минбаъдаи институтсионалии ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даст хоҳад дод (саҳ. 4).

Дар афтореферати диссертатсия мақсади он ба таври возеҳ баён гардидаст. Вазифаҳои дар назди таҳқиқоти мазкур гузошташуда аз ҷумла: муайян намудани институтсионализатсияи воситаҳо ва шаклҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон; таҳлили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун самти калидии таъсири ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон; муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо, функсияҳо, шаклҳо ва принсипҳои фаъолияти мақомоти судӣ ҷиҳати

таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; таҳқиқи омилҳое, ки самаранокии фаъолияти ҳокимияти судиро дар самти таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян менамоянд; таҳлили ҳамаҷонибаи тадбирҳои андешидашуда оид ба дигаргунсозии низоми судӣ ва тақвияти самаранокии он дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – ба таври дахлдор иҷро гардидаанд

Бо назардошти ҷанбаи комплексии умуминазариявӣ доштани таҳқиқи мавзуъ, муаллиф усули умумиилмии дониш – диалектикаро истифода бурдааст. Дар баробари ин, усулҳои махсуси илмӣ, ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, оморӣ, усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва ғайра истифода шуданд. Усулҳои мазкур имкон доданд, ки хулосабарории назариявӣ анҷом дода шуда, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунанда таҳия карда шаванд.

Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таваҷҷӯҳ ва дастгирӣ мебошад. Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, хусусан пешниҳоду хулосаҳои № 2 ва 3 қобили дастгирӣ мебошанд.

Исозода Б.Ч. доир ба мавзӯи илмии анҷомшуда 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба табъ расонидааст. Хулоса ва натиҷаи кори илмии муаллиф дар нашрияҳо доир ба мавзӯи таҳқиқоти кори илмӣ чоп шудаанд, ки дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ бо донишҷӯён истифода бурда мешаванд.

Дар таҳқиқоти мазкур ба назари мо чунин хулоса дар афтореферат баёнгардида баҳснок менамояд, ки нисбати он ибрози назар намудани муаллиф муҳим мебошад:

1. Муаллиф дар якчанд нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, категория “судӣ-ҳуқуқӣ”-ро истифода намудааст, ки мазмуни он дар автореферат равшан нест. Аз ҳамин лиҳоз аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки дар рафти ҳимоя зери категорияи “судӣ-ҳуқуқӣ” чиро мефаҳмад иброз намояд.

Бо вуҷуди эроди болозикр дар маҷмӯъ мазмуни афтореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Б.Ч. кори илмии мустақилона, баанҷомрасида, аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Таклифу пешниҳодҳо, инчунин хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳими илмию амалӣ доранд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ва дар ҷараёни таълимии фанни «Ҳуқуқи конститутсионӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғ.» ба таври васеъ истифода бурда шавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Исозода Баҳодур Чиллахон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Сидиқов Д.А.

«Имзои Сидиқов Д.А.–ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Нуриддинов Х.Х.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru**

03.10.2025